# Ҳар кӣ моҳи рамазонро аз рӯи имон ва барои дарёфти савоб рӯза бигирад, гуноҳони гузаштаи ӯ бахшида мешавад

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Ҳар кӣ моҳи рамазонро аз рӯи имон ва барои дарёфти савоб рӯза бигирад, гуноҳони гузаштаи ӯ бахшида мешавад"
[صحيح] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) хабар медиҳад, ки ҳар касе моҳи рамазонро аз рӯи имон ба Аллоҳ ва бовар доштан ба фарзияти он ва аҷру подош, ки дар он Худованд барои рӯзадорон арзонӣ доштааст, рӯза бидорад ва ҳадафи ӯ танҳо барои Худо, на аз рӯи риё ва худнамоӣ, бошад, гуноҳони гузаштаи ӯ омӯрзида мешавад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee